«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор
________Назарзода Х. Х.
«_17_» ___04___ соли 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба экспертизаи диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» аз ҷониби Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, 20 – уми июли соли 1984 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2002 – 2007 донишҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Соли 2007 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси менеҷменти туризм ва хоҷагиҳои меҳмонхонаву тарабхона бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2007 то соли 2010 ассистенти кафедраи менеҷмент.

Аз соли 2010 то инҷониб муаллими калони кафедраи менеҷмент, ҳоло муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 6 – уми марти соли 2018, қарори №9 тасдиқ гардидааст.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 195 саҳифа оварда шудааст, 17 ҷадвал ва 26 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 196 номгӯй иборат аст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ АбдуллоевЗ.А. бо истифода аз методҳои илмӣ дар самти тавсеаи донишҳо доир ба такмилдиҳии низоми

идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 26 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) хулосаи зерин бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки нақш ва аҳамияти такмилдиҳии низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ маҳз аз нерӯи созанда, санъату маҳорат ва ташаккули сармояи инсонӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳангоми таҳқиқот муайян гардидааст, ки тамоюлҳои ҷорӣ дар бозори меҳнат, ки дар зери таъсири рушди захираҳои иттилоотии иҷтимоӣ ва рақамикунонии равандҳои бизнес ба вуҷуд меоянд, муайян ва ба низом дароварда шудаанд, ки инҳоро дар бар мегиранд: афзоиши мунтазами шуғли ғайрирасмӣ дар шакли фрилансер, нигоҳ доштани ҳиссаи кормандони дар кори дурдаст; рушди платформаи шуғл; давомнокии баланди эҳтиёҷоти аҳолӣ ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ; афзоиши талабот ба платформаҳои рақамӣ барои ҷустуҷӯ ва ҷалби кадрҳо аз бекорон ва корфармоён.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе масоили назариявӣ ва амалии таъмини кадрии низоми меҳмонхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Маҳз, омӯзиши нокифояи мазмуни иқтисодию иҷтимоӣ ва нақши таъмини низоми кадрӣ дар шароити рақамикунонӣ, инчунин аҳамияти баланди иҷтимоии он дар баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ интихоби мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуданд.

Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия мубрам арзёбӣ меёбад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба таъмини низоми кадрӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад. Дар баробари мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодиёти муосир, рушди фазои рақамӣ, ҳамкории тарафайни бевоситаи зерсохторҳои соҳаи сайёҳӣ имкон медиҳад масоили зиёди мушкилоти омодасозӣ, интихоб, ҷобаҷогузорӣ, мутобиқшавӣ, ташаккул ва такмили сиёсати кадрӣ дар меҳмонхонаҳо, истифодаи технологияҳои муосир, таъмини шуғли аҳолӣ дар якҷоягӣ бо баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди стратегияи иқтисоди миллӣ муосидат менамояд.

**4.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 27 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Абдуллоев З.А., Салоҳият ва касбияти роҳбар дар муайянкунии шахсияти ӯ / А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев//Паёми ДДТТ,-Душанбе.-2021, №4/1(38). -С.202-208;

[2-М]. Абдуллоев З.А., Баҳодиҳӣ ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун омили рушди демографӣ/А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ,-Душанбе, - 2022,№ 4/2(44). -С.110-114;

[3-М]. Абдуллоев З.А., Иқтидори кадрии кормандони меҳмонҳонаҳо /З.А. Абдуллоев //Паёми ДДТТ, -Душанбе, -2023, №4/1(49). -С.285-288;

[4-М]. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити рақамикунонӣ/З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ, 2023, 4/2(50) С.21-26;

[5-М]. Абдуллоев З.А., Идоракунии захираҳои инсонӣ дар шароити рақамикунонӣ /Абдуллоев З.А.// Паёми ДДТТ, 2024, 1(51) С.107-110;

[6-М].Абдуллоев З.А.,Ташаккули системаи идоракунии кормандон/А.А.Мирзоалиев, З.А. Абдуллоев //, Паёми ДДТТ,-Душанбе, -2024, №1(51 ). -С.140-145.

[7-М]. Абдуллоев З.А., Такмили низоми идоракунӣ дар меҳмонхона //З.А. Абдуллоев, У.Т.Саломова/ Паёми ДДТТ. - Душанбе, 2024, №1.1(51),С.294-298

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[8-М]. Абдуллоев З.А., Салоҳиятҳои касбии роҳбар дар муаррифии шахсияти ӯ. Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон /А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев//. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ,30 марти соли 2023-Душанбе «ДДТТ», 2023, -С. 240-245;

[9-М]. Абдуллоев З.А.,Ташаккулёбии низоми менеҷменти сифат/А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев//, Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» бахшида “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (Солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 Душанбе: «ДДТТ», С.433-441;

[10-М]. Абдуллоев З.А., Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /А.З. Абдуллоев, А.М. Сафаров, А.А.Мирзоалиев // Конференсияи VIII -уми илмию амалии байналмилалӣ «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», ДДТТ 25-сентябри соли 2020– Душанбе, -С.125-129

[11-М]. Абдуллоев З.А., Ташаккулёбии низоми менеҷменти сифат / А.А.Мирзоалиев, И.Қ. Раҳмонов, З.А. Абдуллоев //, Конференсияи илмию амалии байналмиллалӣ “Низоми менеҷменти сифат – кафолати омода намудани мутахассисони баландихтисос», 30-31 октябри соли 2020, ДДТТ, -С.75-77;

[12-М]. Абдуллоев З.А. Персонал как важный фактор гостиничного продукта /З.А.Абдуллоев//, конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар

мавзӯи “Асосҳои ичтимоию иқтисодии рушди инноватсионии бозори меҳнат дар шароити иқтисоди хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» –Душанбе, 25-26 октябри 2019, -С 107-111;

[13-М]. Абдуллоев З.А. Дурнамо ва самтҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев //, Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маҷмӯаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. ДСХ, 22 июни соли 2019.-Душанбе: “Соҳибкор».- 435с., С.28-32;

[14-М]. Абдуллоев З.А. Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон ва масоили рушди саноати сайёҳӣ, / А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев // Форуми илмии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар фазои сайёҳии ҷаҳонӣ аз нигоҳи донишҷуёни риштаи сайёҳӣ», 8 – 9 ноябри соли 2019, Душанбе, С..79-84;

[15-М]. Абдуллоев З.А. - Нақши сайёҳии экологӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, /З.А.Абдуллоев// Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати илмию омӯзгорӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар манзари ҷаҳонишавӣ», 20-25 маи соли 2019, ДДТТ, С.96-101;

[16-М]. Абдуллоев З. А. Структура и функции системы управления персоналом в условиях рыночной экономики, /З.А.Абдуллоев//. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии “ Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 27.10.2018,-Душанбе-, -С.112-116;

[17-М]. Абдуллоев З. А. Роҳҳои ба кор ҷалб намудан ва идоракунии кормандон дар корхонаҳо, /З.А.Абдуллоев//. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии “ Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 27.10.2018,-Душанбе-, -С.112-116;

[18-М]. Абдуллоев З. А. Аҳамият ва зарурияти рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/З.А.Абдуллоев//,9.11. 2018. Маҷалаи Соҳибкор, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат- Душанбе, С.67-71;

[19-М]. Абдуллоев З. А. Структура и функции системы управления персоналом гостиничного хозяйство в современных условиях, /З.А.Абдуллоев//, 9.11. 2018. Маҷалаи Соҳибкор, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат- Душанбе, С.121-123;

[20-М]. Абдуллоев З.А. Аҳамият ва зарурияти рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, /З.А.Абдуллоев//,30 ноябри соли 2018 бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар Донишгоҳи славянии Россияву – Тоҷикистон семинар дар мавзуи “Тоҷикистон диёри сайёҳӣ»-Душанбе, -С.145-148;

[21-М]. Абдуллоев З.А. Нақш ва аҳамияти сайёҳии табобатӣ ва истироҳатӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ З.А.Абдуллоев // Конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», Душанбе, ДДТТ, 20-21 июни соли 2018, -С.111-114;

[22-М]. Абдуллоев З.А. Структура и функции системы управления персоналом в условиях рыночной экономики / З.А.Абдуллоев // Конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ», Душанбе, ДДТТ, 20-21 июни соли 2018, -С.123-126;

[23-М]. Абдуллоев З.А., Дурнамо ва самтҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Идоракунии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. Маҷмӯаи маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ/ А.А. Мирзоалиев, З.А.Абдуллоев //. ДСХ, 22 июни соли 2019.-Душанбе: “Соҳибкор».- С.156-161;

[24-М]. Абдуллоев З.А., Низоми менеҷменти сифат / А.А.Мирзоалиев, И.Қ. Раҳмонов, З.А. Абдуллоев //, Конференсияи илмию амалии байналмиллалӣ “Низоми менеҷменти сифат – кафолати омода намудани мутахассисони баландихтисос», 30-31 октябри соли 2020, ДДТТ, -С.133-137;

[25-М]. Абдуллоев З.А., Зарурияти бозори хадамоти кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, / З.А.Абдуллоев //, маҷмӯаи ДДТТ, ба ифтихори «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ», Душанбе – 2010, С.93-96;

[26-М]. Абдуллоев З.А., Усулҳои таълим, интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва идоракунии кормандон дар корхонаҳо, / З.А.Абдуллоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Масоили инкишофи бозори меҳнат дар Тоҷикистон» (28-29 октябри соли 2011), Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ»-Душанбе- 2011, -С. 282-284;

[27-М]. Абдуллоев З.А., Принсипҳо ва усулҳои идоракунии кормандон дар корхонаҳо, Конференсияи байналмилалӣ «Тамоилҳои рушди иқтисодиёт ва таҳсилоти олӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ДДТТ,Душанбе- 2014, -С.32-34

## 5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе) дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти зерсохтори соҳаи сайёҳӣ, маҷмӯаи меҳмонхонаҳо метавон истифода бурд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокқунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе дар шароити рақмаикунонӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирзоалиев А.А.; баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Саидова М.Х. ва дотсентон Ҳамитов М.С., Машокиров Ҷ.Н. ва Аминов Ф.И. маҷлиси васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.
2. Ба Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси васеи кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровалда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 25 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | 25 нафар |
| зид | нест |
| бетараф | нест |

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 25 январи соли 2024, протоколи № 6 қабул шудааст.

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, н.и.и., и.в.дотсент — Н.М. Мирзон

Котиби маҷлис — Абдураҳмон Ҳ.

«Имзоҳои Мирзон Н.М.ва Абдураҳмон Ҳ.- ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.